№	Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ»	
1	Намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ»
2	Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
3	Доираи шахсоне, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба онҳо паҳн мегардад	Шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ
4	Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ	01.08.2024
5	Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи мазкур дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади маъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 2023, №88 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи Қонуни мазкур аз 15 май то 15 июни соли 2023 гузаронида шуд.
6	Маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиронии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо	Аз рӯйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи Қонуни мазкур аз тарафи мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст.
7	Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад	Тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии субъектҳои дорои манфиати умум мутобиқ ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, субъектони хоҷагидории дигар, аз ҷумла ташкилотҳо буҷетӣ ва субъектҳои соҳибкории хурду миёна мутобиқ ба тартиб ва қоидаҳои миллӣ муқаррар гардидааст.

		Вобаста ба ин, бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ ва дар заминаи ҳисоботи молиявӣ таъмин намудани маълумоти шаффоф, саҳеҳ ва эътимоднок ба сармоягузорони дохилию хориҷӣ, инчунин вусъат додан ба раванди дастрасӣ ба бозорҳои молиявии байналмилалӣ зарурати ба таври васеъ татбиқ намудани стандарҳои байналмилалӣ ба миён омадааст. Дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба татбиқи стандартҳои байналмилалӣ дар самти пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии субъектҳои хоҷагидор низ, маҳз бо ҳамин мақсад ба амал бароварда шудаанд.
8	Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат	Тағйиру иловаҳо ба Қонуни мазкур бо назардошти гузариши пурраи низоми амалкунанда ба стандартҳои байналмилалии соҳа, татбиқи низомҳои иттилоотӣ дар раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, танзими масъалаҳои дар амалия ҷойдошта, инчунин ислоҳи хатоҳои имлоӣ ва техникӣ пешниҳод карда шудааст.
9	Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбинишудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот	Тибқи лоиҳа низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ бо тартиби зерин амалӣ карда мешавад: - субъектҳои дорои манфиати умум ва субъектҳои соҳибкории калон - тибқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ; - ташкилотҳои буҷетӣ - тибқи стандартҳои ҳисоботи молиявӣ дар бахши давлатии Тоҷикистон; - субъектҳои соҳибкории хурду миёна (ба истиснои соҳибкорони инфиродӣ) - тибқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ барои корхонаҳои хурду миёна ё стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ. Ҳамзамон, тибқи талаботи моддаи 367 Кодекси андоз нисбат ба соҳибкорони инфиродӣ тартиби содакардашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ пешбинӣ карда мешавад. Инчунин, дигар талаботҳо ҷиҳати татбиқи низомҳои иттилоотӣ дар раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, танзими масъалаҳои

		дар амалия ҷойдошта ва ислоҳи хатоҳои имлоиву техникӣ илова карда шуда, ба танзими мушкилоти соҳа мусоидат менамояд. Гузариш бо назардошти таҷрибаҳои пешқадами соҳа, бо роҳи бозомузии шахсони масъули баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, татбиқи низомҳои иттилоотӣ дар раванди пешбурди баҳисобгирӣ, амалӣ карда шуда, маҳдудият ва санксияҳо, аз ҷумла муҷозоти маъмуриро пешбинӣ наменамояд.
10	Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилои баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ)	Тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии субъектҳои дорои манфиати умум мутобиқ ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, субъектони хоҷагидории дигар, аз ҷумла ташкилотҳо буҷетӣ ва субъектҳои соҳибкории хурду миёна мутобиқ ба тартиб ва қоидаҳои миллӣ муқаррар гардидааст. Стандартҳои мазкур аз ҷониби институтҳои ваколатдори байналмилалӣ таҳия ва интишор карда мешаванд. Мақсад аз таҳия ва интишор намудани стандартҳои мазкур ҷиҳати ба низоми ягонаи байналмилалӣ даровардани раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ мебошад. Натиҷаи тағйиру иловаҳо ба Қонуни мазкур боиси он мегардад, ки ҳисоботи молиявии ташкилотҳо сарфи назар аз макони фаъолияткунандаи субъект, аз ҷониби истифодабарандагон ва сармоягузорони дохилию хориҷӣ дуруст фаҳмида шаванд. Зеро мафҳуми унсурҳои ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармоя, тартиби баҳисобгирӣ ва инъикоси онҳо дар ҳисоботи молиявӣ тибқи низоми ягонаи эътирофшудаи байналмилалӣ анҷом дода мешаванд.
11	Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоиӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади	Қабӯли лоиҳа аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб наменамояд. Оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ: Дар сурати қабул гардидани Қонуни мазкур тавре зикр намудем, фаъолияти субъектони дорои манфиати умум

	меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот	дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ роҳандозӣ гардида, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар субъектҳои иқтисоди миллӣ ба низоми ягонаи эътирофшудаи байналмилалӣ мутобиқ мегардад ва дар ин радиф, имконияти дарки дурусти маълумоти ҳисоботи молиявӣ аз ҷониби сармоягузорон, аз ҷумла хориҷӣ фароҳам оварда мешавад.
12	Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он	Ба таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мусоидат менамояд.
13	Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он	1 октябри соли 2024

Муовини вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон